*ТКБ 658.4*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-157-164*

## *ДОНИШМАНДОНУ БУЗУРГОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ОИД БА МУОШИРАТ ВА ҲУСНИ БАЁН*

***Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич**, д.и.п., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; **Зоиров Сиротулло Абдумаҷидович,** унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

## *УЧЁНЫЕ И МЫСЛИТЕЛИ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ О КРАСНОРЕЧИИ И ЭТИКЕ РЕЧИ*

***Негматов Садуллоджон Эргашевич**, доктор педагогических наук, профессор Таджикского национального университета; **Зоиров Сиротулло Абдумаджидович**, соискатель Института развития образования им. Абдуррахмана Джами Таджикской академии образования (Таджикистан, Душанбе)*

## *SCIENTIFIC VIEWS AND CLASSICAL REPRESENTATIVES OF MODERN TAJIK LITERATURE ON COMMUNICATION AND ETHICS OF SPEECH*

***Negmatov Sadullojon Ergashevich,** Dr. of Pedagogy, Professor of the Tajik National University,**E-mail**: negmasis22@gmail.com; **Zoirov Sirotullo Abdumajidovich**, applicant of the Institute for the development of education named after A.Jomi of the Tajik Academy of Education (Tajikistan, Dushanbe)*
***E-mail:** sirotullo.zairov/88@inbox.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** сухан, муошурати солим, одоби сухан, одоби гуфтор, каломи балег, таҳаммул, андеша, байт, суханвар, адабиёти тоҷик*

*Дар мақола сухан дар бораи ҳусни баён, муошурати солим ва одоби суҳбат аз дидгоҳи донишмандону суханварони адабиёти классикиву муосири тоҷик меравад. Ин мавзӯъ дар мақола васеъ таҳлил гардида, муаллифон кӯшиш кардаанд,ки андешаҳояшонро бо назму насри адибону шоирон тақвият бахшанд.Мавзӯи муошират, одоби сухан, мавқеъ ва манзалати сухан, накӯгуфторӣ, ширинкаломӣ аз масъалаҳоест, ки доимо дар мадди назари аҳли илму адаб қарор дорад.Қайд мешавад, ки сухан атои Парвардигор аст. Вай қудрати ҳам созандагӣ ва ҳам сӯзандагӣ дорад. Оқилон ин силоҳи пуртавонро баҳри ободӣ, вале ҷоҳилон барои харобкорӣ истифода кардаанд. Таърих ҳамеша ҳукми оқилона мебарорад: якеро сарфарозу некном, дигареро маҳкум мекунад. Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар давлатҳои Юнону Мисри Қадим, Ҳинду Шарқ санъати суханварӣ доимо дар мадди назари аҳли ҷомеа буд. Аз ин рӯ, он чун фанни махсус таълим дода мешуд. Муарифон ба натиҷа мерасанд, ки барои педагогон донистани санъати суханварӣ хеле зарурбуда, он чун силоҳи муқтадир дар таълиму тарбияи насли наврас ба кор меравад.*

***Ключевые слова:** речь, красноречие, общение, этика, культура речи, литература, толерантность, ораторство, искусство говорения*

*В статье говорится об этике речи, здоровом общении с точки зрения учёных и мастеров слова классической и современной литературы. Эта тема тщательно анализируется; автор постарался передать собственные мысли с помощью высказываний поэтов и писателей. Тема общения, этика речи, её уместность, защита языка, выразительность, вежливое обращение являются именно теми вопросами, которые волнуют представилей науки и культуры. М.Шакури подчёркивает, что наша речь говорит о нашей культуре. В статье указывается на необходимость в процессе обучения оставаться этичным, вежливым, человеком с мягкой речью, что может помочь учителю завоевать сердца своих учеников, так как чёткая правильная речь как магнит притягивает других людей.Отмечается, что слово как продукт воспроизведения Создателя может и сотворить, и уничтожить, и эту силу слова мудрецы используют для созидания, а глупцы – ради уничтожения сотворённого к тем или иным: после кого-то останется славное доброе имя, а вслед другому потянется поток проклятий. Авторы утверждают, что в странах Греции и Древнем Египте, Индии и Азии ораторскому искусству уделяли особое место и его выделяли как отдельную отрасль обучения. Говоря о важности ораторского искуства, или риторики, авторы подчеркивают, что сегодня оно преподаётся на факультетах международных отношений, журналистики, филологии юриспруденции, так как целью этого предмета является обучение методам говорения, усовершенствования вышеуказаного.*

***Keywords:** speech, healthy communication, ethics of conversation, literature, politeness, reflection, poetry, oratory, classical and modern literature*

*The author mentioned in his article about the ethics of speech, healthy communication according to scientific point of view and artists of the word of classical and modern literature. This topic is thoroughly analyzed in the article; the author tried to convey his own thoughts using the statements of poets and writers. The topic of communication, the ethics of speech, its relevance, the protection of language, expressiveness, polite handling are precisely the issues that concern the representatives of science and culture. Politeness is the best quality of an arator, a poet and a writer, and this is devilish gift that they indicate in their works.The word is the product of the Creator's reproduction. It can both create and destroy. The sages use this power of the word for creation, and the fools for the destruction of the created to one or another: after someone there will be a glorious good name, and after another a stream of curses will be drawn. In the countries of Greece and Ancient Egypt, India and Asia, oratory was given a special place. It was a separate branch of training. And today, oratory or rhetoric is taught at the faculties of international relations, journalism, philology and jurisprudence. The purpose of this subject is to teach speaking methods, improving the abovementioned rules.*

«Муоширатִ», «ҳусни муошират”, “одоби муошират”, “ҳусни баён”, “гуфтори накӯ” вожаву иборотанд, ки балоғати каломро таъмин намуда, ба меъёри забони адабӣ, ҳунари суханварию сухандонӣ, нармгуфторӣ, ширинкаломӣ робитаи қавӣ доранд. Тавассути каломи балеғ олами ботинӣ ва зоҳирии инсон ҳувайдо мегардад. Сухан хислату рафтор ва кирдори неку бади инсонро инъикос мекунад.

Бузургону суханварони адабиёти тоҷик сухани пухтаву дурустро талқин намуда, ба дигарон тарзи муошират ва муносибат, муомилаи хуб намудан ва бо ҳамдигар машварат карданрои мояи некномиву саодатмандӣ донистаанд. Баръакс, муошират қабеҳ, сухани носазо обрӯйи касро мерезонад. Дар “Пандномаи Анӯшервон” чунин омадааст, ки суханро бояд дар дил санҷид ва пас гуфт, то ҷон амон ёбад:

***Чу лаб баркушоӣ, сухан пухта гӯй,***
***Чу нопухта гӯйӣ равад обрӯй.***
***Суханро бипарвар ба дил дар нахуст,***
***Ба мизони ҳуш бар, ба дил кун дуруст.***
***Пас он гаҳ бигӯ, он чӣ бошад савоб!***
***Чунон чун тавонӣ шунидан ҷавоб!***
***Шунидам зи доно, ки ҷон аз забон,***
***Ба рӯзе дусад бор хоҳад амон*** *[7, с.100].*

Бояд тазаккур дод, ки одоби муошират, эҳтироми якдигар анъанаҳои маъмули халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла, мардуми Шарқ маҳсуб меёбад. Ин нукта дар сарзамини Форс, Мавароуннаҳру Хуросон мавқеи хосса дошта, то ҳанӯз ин анъана давом дорад. Дар осори бузургони тоҷику форс доир ба одоби муошират, одоби сухан гуфтан, мақому мазаллати сухан, таъсири сухан асари алоҳидае таълиф нашуда бошанд ҳам, қариб дар ҳамаи асару девонҳояшон ба ин мавзӯъ боберо бахшидаанд, ё ишорае намудаанд. Аз ҷумла, дар “Китоб-уш-шифо”-и Абӯалӣ ибни Сино, “Тарҷумон-ул-балоға”-и Муҳаммад Умари Родуёнӣ, “Ал-муъҷам фи маойири ашъо-рила-ҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Гулистон” ва “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ, “Кимиёи саодат”-и Муҳаммади Ғаззолӣ, “Футувватномаи султонӣ” Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст.

Муҳаммади Ғаззолӣ муоширатро бо истилоҳи муомилот шарҳ дода, аркони муомалати мусулмониро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад ва чунин менависад: “Ва аммо аркони ин муомалати мусулмонӣ чаҳор аст: ду ба зоҳир таааллуқ дорад ва ду ба ботин. Он ду, ки ба зоҳир тааллуқ дорад:

Рукни аввал гузоридани фармони Ҳақќ аст, ки онро ибодот гӯянд.

Рукни дуввум нигоҳ доштани адаб аст, андар ҳаракоту сакаиоту маишат, ки онро муомалат гӯянд.

Ва аммо он ду, ки ба ботин тааллуқ дорад:

Яке пок кардани дил аст аз ахлоқи нописандида, чун хашму булху ҳасаду кибру уҷбу риё, ки ин ахлоқро мулҳикот гӯянд ва ақаботи роҳи дин аст. Ва дигар рукн оростани диласт ба ахлоқи писандида, чун сабру шукру муҳаббату ризову раҷову таваккул, ки онро мунҷиёт гӯянд” [4, с.88-89].

Сухан гавҳари ҳастист. Дар мавриди мавқеи сухан дар осори адибони классики мо маводи зиёдеро мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар “Футувватномаи султонӣ” боберо бо унвони “Дар одоби сухан гуфтан” бахшида, шарафи одамиро дар нутқ медонад ва риоя накунандаи ин адабро аз ин

шараф бебаҳра меҳисобад. Забони баста беҳтар аз сухани дурушт гуфтан аст. Сухан симои зоҳирӣ ва ботинии шахсро ошкор мекунад. Нависанда дар сухан гуфтан, муошират кардан бо эҳтиёт буданро таъкид менамояд. Ӯ одоби сухан гуфтанро шарти асосии ҳусни инсон шуморида, онро ба ду навъ ҷудо мекунад. Адаби ғолибонро дар сухан гуфтан ба шаш маврид ҷудо мекунад: “Аввал он ки сухан фароҳури (муносиби) ҳоли ҳар кас гӯяд. Дуюм он, ки ба лутф сухан гӯяд, на ба унф (дуруштӣ). Сеюм, он ки дар вақти сухан гуфтан хандон ва шукуфта бошад, на туршрӯю гирифта. Чаҳорум, чандон сухан ба мустамеъи (шунавандаи) он гӯяд, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад. Панҷум, сухан гӯяд, ки манфиати дунё... дар он бошад. Шашум то сухане тамом баиёр (қадр) набошад, бар забон наронад, ки сухани бузургон ба масобаи (монанди) тухм аст ва агар тухм фосиду бемағз бошад ба ҳар замин, ки афтад, нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад [9, с.78].

Муаллиф бо чунин хусусиятҳои дар боло зикргардида бо инсонҳо одоби муошират аълоро талқин мекунад. Одоби муошират ин дуруст гуфтан, ба манфиат гуфтан, густурда гуфтан аст. Муошират хуб ба инсон имкон медиҳад, ки дили дигаронро ба даст орӣ, дигаронро ба роҳи дуруст ҳидоят намоӣ. Одоби муошират дар аркони давлат, ҷамъи ашхоси ҷомеа зарур ва муҳим буд. Аз ин рӯ, дар осори намояндагони адабиёти классикӣ мавқеи хосса дорад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асари дигараш “Ахлоқи Муҳсинӣ” дар боби адаб чунин менависад:

***Ҳар ки дар ӯ сирати некӯ бувад,***
***Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.***
***Некии мардум на некрӯйӣ аст,***
***Хӯйи некӯ мояи некӯйӣ аст*** *[9,с.39].*

Дуруст аст, ки сирати инсон на дар хубрӯйӣ, зебоӣ, балки дар сирати зебои ӯст. Дар ҳаёт инсонҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки ҳусни зебо доранд, аммо агар ҳамсуҳбат шавед, дарк мекунед, ки бадгуфтор, ҳарзагӯй, дағалу дилозоранд.

Унсурулмаолии Кайковус дар асараи барҷастааш “Қобуснома”, ки хазинаи панду ҳикмат аст, дар бораи муошират, сухан, қадру манзалати сухан ибрози андеша намуда, дар пандномаи хеш боберо “Андар пеши ҷустан дар сухандонӣ” номгузорӣ кардааст. Дар ин боб нависанда дар мавриди сухан, сухани рост ва бомаврид гуфтан ибрози андеша намудааст, ки он марбут ба муошират аст. Сухан гуфтан -ин муошират кардан аст. Нависанда ба писараш гуфтани сухани рост ва барҳазар будан аз сухани дурӯғро таъкид намудааст.

Кайковус суханро ба чор навъ ҷудо намуда, чунин менависад: “Сухан, ки бар мардум намоӣ, накӯтарин намой то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишиносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш. .. Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он руҳ тоза шавад ва ҳамон сухан ба иборате дигар битвон гуфт, ки руҳ тира гардад [8, с. 36].

Адиб дар зери ибораи сухани некӯ муошират хуб ва сухане, ки руҳро тира созад, муошират бадро дар назар дорад. Дар ҳар як ҳикояти ин боб роҳу усулҳои муошират инсон нишон дода шудааст. Нависанда таъкид менамояд, ки “пушту рӯйи сухан бояд дошт, ҳар чӣ гӯйӣ ба некӯтарин ваҷҳе бояд гуфт, то ҳам сухангӯй бошиву ҳам сухандон”[8, с. 37].

Оре, дуруст аст, ки некӯ гуфтан - одоби муошират аст. Ба гуфтаи ин донишманд “сухангӯю сухандон он бувад, ки ҳар чӣ ӯ бигӯяд, мардумонро маълум шавад”. Сухан ҷони муошират солим, симои ботинии мутакаллим аст. Қадру манзалати сухан, ки аз осмон омадааст, бесабаб нест. Инсон ҳар як суханеро, ки бигӯяд, бояд ҷойгоҳи онро донад, яъне суханро дар ҷояш бояд гуфт.

Нависанда дар боби ҳаштуми асар “Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони Одил” таъкид мекунад: агар инсон хоҳад, ки маҳбуби дилҳо шавад, бояд сухане гӯяд, ки бар муроди мардумон бошад.

Унсурулмаолии Кайковус дар асари хеш дар баробари панду ҳикматҳои муфид ба одоби муошират, ки ҷузъи ҷудонашавандаи одобу ахлоқ аст, ибрози андеша намудааст. Сухан гуфтан, сухани бикр гуфтан аст ва он рукни асосии муошират мебошад, - мегӯяд он воломақоми гуфтор.

Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ дар асараш “Нафоис-ул-фунун фи ароисилуюн” боберо бо номи “Дар одоби муҳовара” дар боби сухан, суханварӣ, одоби муошират бахшидааст. Мавсуф илми муҳовараро ба панҷ қисмат чудо намудааст:

1) дар одоби муҳовара;

2) шароити муҳовара;
3) кайфияти муҳовара;
4) дар эроди баъзе аз он чи дар муҳоварат ба кор доранд;
5) дар зурафо ва мутоибот [5].

Омулӣ симои ботинӣ ва зоҳирии мутакаллимро дар мадди аввал гузошта, бар андеша аст, ки бояд ӯ чунин сифатҳоро дошта бошад: шаҳбози фасоҳат (кушодасухан шудан ва теззабонӣ, ва хушгӯӣ), орамидагони олами талаттуф (меҳрубонӣ), сайқали занги тарадуди хотир, маҳрами асрори ишқ, марҳами сӯхтагони доғи фироқ. Ба андешаи донишманд, агар суханвар чунин сифатро доро бошад, мардум - хосу ом ба суҳбати ӯ майлу рағбат пайдо мекунанд. Муҳовир бояд соҳиби "нури ақлу зевари фазл ва хотири ваққоду зеҳни наққод" бошад. Дар қисмати дуввум, ки шароити сухан унвон дорад, донистани мавқеи сухан, мақому мартабаи суханвар аз ҷиҳати донишу хирад шарҳ ёфтааст.

Одоби гӯш кардани суханро муҳим меҳисобад, зеро ба андешаи ӯ агар нисбати сухани дигаре беэътиборӣ, беҳурматӣ зоҳир гардад, хотири суханвар озурда хоҳад шуд. Дар муҳовара ҳазлу шӯхиро ҷоиз намедонад ва ҳазлу мазоҳро афрӯзандаи фитна меномад.

Дар "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ қадру манзалати сухан борҳо таърифу тавсиф гардида, хонандаро ба дуруст муомила намудан, қадри суханро донистан, бомаврид сухан гуфтан ва амсоли он тарғибу ташвиқ менамояд. Ҳоло чанд байтро мавриди таҳлил қарор хоҳем дод. Аз ҷумла, Фирдавсии бузург нарм сухан гуфтан, некӯ сухан гуфтанро васф намуда, таъкид мекунад, ки мардум шахси нармгуфтору накӯгӯйро таҳсин мекунад, эҳтиром мекунад:

***Зи некӯ сухан беҳ чӣ андар ҷаҳон,***
***Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон.***
***Агар нарм гӯяд забони касе,***
***Дуруштӣ ба гӯшаш наёяд басе.***
***Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,***
***Маёлой лабро ба гуфтори сард.***

Дар "Пандномаи Анӯшервон" омадааст, ки аз сухани бад бояд барҳазар буд, ки он хотири касро мушавваш мекунад ва сухани нек – муоширати хуб аст, ки ба дили инсон роҳ меёбад:

***Суханҳои некӯ шунидан равост,***
***Чу некӯ сухан дарди дилро давост,***
***Сухан чун накӯ бошаду аслдор,***
***Бувад беҳ зи сад гавҳари шоҳдор.***

Дар байти дигар таъкид мекунад, ки инсон дар симои зоҳирӣ зишт бошаду сухани некӯ гӯяд, зебо менамояд:

***Рухи зишт агарчи пуроҳу бувад,***
***Ба некӯ сухан зишт некӯ бувад*** *[7, с. 66].*

Дар пандномa омадааст, ки аз сухани ногуфтанӣ барҳазар бошед, зеро чунин гуфтор боиси ранҷи дигарон мегардад:

***Зи ногуфтанӣ ҳар кӣ бошад хамӯш,***
***Дилаш аз шунидан наояд ба ҷӯш.***
***Зи гуфтори беҳуда ҷуз ранҷ нест,***
***Чу хомӯшӣ андар ҷаҳон ганҷ нест*** *[7,с.87].*

Адиби ширинбаён Абдураҳмони Ҷомӣ дар "Баҳористон" дар одоби сухан, муомилоти хуб, накӯ гуфтан низ андеша рондааст. Ҳар як ҳикоят аз муомилоти нек холӣ нест. Дар боби ҳафтуми ин асар, ки тазкира аст, дар мавриди қадру манзалати сухан андеша ронда, менависад:

***Ҳеҷ шоҳид чун сухан мавзун нест,***
***Сирри хубӣ аз хаташ берун нест*** *[11,с.72].*

Асадии Тӯсӣ бадзабонӣ, дуруштмуомилагиро, ки боиси хастагии рӯҳу ҷисм, озори дил мегардад, мазаммат намудааст:

***Зи захми синон беш захми забон,***
***Ки ин тан кунад хаставу он равон.***

Сухангӯйӣ ҳунар аст. Унсурулмаолии Кайковус таъкид намуда, ки "аз ҳамаи ҳунарҳо беҳтарин ҳунар сухан гуфтан аст". Сухан гавҳару дурро мемонад, касро тарбия мекунад, аз роҳи бад мегардонад, болидарӯҳ масозад, дилҳоро ба ҳам мепайвандад. Дар акси ҳол он метавонад хилофи ин гуфтаҳо бошад.

Асадии Тӯсӣ таъкид мекунад, ки инсони нек бояд кирдори хубу гуфтори некӯ дошта бошад:

***Накӯномӣ аз гетӣ онро сазост,***
***Ки кирдори ӯ хубу гуфтор рост.***

Дар “Кимиёи хирад” дар боби “Саволҳои Нӯшервони Одил ва ҷавобҳои Бузургмеҳри вазир – фоидабахш ба ҳар накӯахтар” маҳбуби дилҳо шуданро чунин шарҳ додааст:
Савол: Инсон ба кадом амал маҳбуби дилҳо шавад?
Ҷавоб: Аз ростмуомилагӣ ва шукуфтарӯйӣ.

Сухан гуфтан, ҳунар аст, гӯш кардан ҳам ҳунар. Пас, ин санъатро донистан, эҳтиром доштан, ба қадраш расидан ва мувофиқи тавори худ онро дониста ва барои рафъ истифода бурдан басо муҳим аст, зеро сухани ҳақу зебо гавҳари пурқиматест ва қадри сухангӯй аз матоаш кам нест.

Мақому вазифаи суханро шарҳ дода, барои тақвияти фикр аз Шамсиддини Шоҳин мисолеро меорем: “Вазифаи сухангӯй ҳатто дар вақти танқид кардан ҳам одоби суханро нигоҳ доштан аст, гарчи қадри сухану сухангӯйро на ҳамеша медонистанду медонанд, Шамсидин Шоҳин ошкор ва пурдард гуфтааст:

***Сухан чист? Анқои ин рӯзгор,***
***К-аз ӯ ном мондасту он низ хор.***
***Суханвар дар ин аҳд чун кимиёст,***
***Сухан меҳр гӯӣ, суханвар вафост.***
***Суханро дар ин аҳд тавқир ку?***
***Ба рӯйи сухан ғоза ҷуз қир ку?***

Мавзӯи муошират, адаби сухан, мавқеъ, манзалати сухан гуфтан, ҳифзи забон, накӯгуфторӣ, ширинкаломӣ аз масъалаҳоест, ки аз рӯзи бунёди сухан дар мадди назари аҳли илму адаб меистонд. Аз аввалин асару ёдгориҳо ва нигоштаҳои китоби муқаддаси зардуштиён “Авесто”, сангнавиштҳои кӯҳи Бесутун, “Ёдгории Зарирон”, “Дарахти Асурик”, мероси гаронбаҳои адабиёти классикӣ, адабиёти муосир сухану суханварӣ, нармгуфториву ширинбаёнӣ ҳамчун рукни асосии муошират тавсифу тасвир ёфтааст. Онҳо мувофиқи тақозои муҳити худ, асри худ ва дар таъсири воқеа ё пешомаде дар ин масъала андешаи худро бо назардошти таҷрибаи зиндагӣ гуфтаанд.

Дар ҳолате, ки фитнаву нифоқ ниҳоят авҷ гирифта, беэҳтиётӣ дар сухан боиси бадбахтӣ ва ҳалокат мегардид, шоирони тавонову хирадманд мардуми сухангӯйро ба эҳтиёт ва ҳушёрӣ даъват намуда, аз оқибатҳои ногувори лағжишҳои забон огоҳ месохтанд. Муҳимтарин ва некӯтарин коре, ки эҷодкор бояд кунад, сухани нек гуфтан аст, зеро сухани нек, ширин ва малеҳ ба шунаванда рӯҳ мебахшад, ӯро ба коре ҷазб ва ҳавасманд мекунад, ба дардаш марҳам мешавад. Сухани некро барои таскин бахшидан ба рӯҳ мегӯянд, онро на танҳо барои таъриф, балки ҳангоми танқиду мазаммат низ метавон истифола кард.

Фазилати баланди соҳиби сухан хушбаёниву хушгуфторӣ, нармгуфториву ширинбаёнӣ, латифгуфтору ботааммул будан аст, ки ин хислатро на ҳама доро ҳастанд. Чунончи, шайх Саъдӣ сухани латиф ва каломи дилнишинро ба қанди мисрӣ шабоҳат додааст:

***Сухани латифи Саъдӣ на сухан, ки қанди мисрӣ,***
***Хиҷил аст аз ин ҳаловат, ки ту дар калом дорӣ.***

Саъдӣ дуруст таъкид мекунад, ки сухан ба кас ҷон мебахшад, сухан нӯшдоруи ҷону руҳ аст:

***Гар уфтад гузаре бар вуҷуди куштаи ишқ:***
***Сухан бигӯӣ, ки дар ҷисми мурда ҷон орӣ.***

Шоири ширинкалом ва хушадо Камоли Хӯҷандӣ ширинсуханӣ, хушгуфториро чунин тасвир намудааст:

***Камол аз шавқи лаъли шаккаринат,***
***Ба ғоят тӯтии ширинзабон аст.***

**Ё худ:**

***Чун дар сухан шуд он лаби ширин шакарфишон,***
***Дар гӯшҳо ҳикояти Ширин фасона буд.***

***Ҳар куҷо з-он лаби ширин сухане мекардам,***
***Сухани қанд накардам, ки мукаррар мешуд.***

***Байти дигар:***

***Аз лаби ӯ сухане чун ба забон меояд,***
***Гӯиё оби ҳаёте ба даҳон меояд.***

Дар осори ниёгони мо аз ҳамсуҳбати бад барҳазар будан таъкид гардида, чунин суҳбатро ба ҷаҳаннам ташбеҳ додаанд. Ин андешаро Мавлавӣ Муҳаммад Ҳусайн Толиби Пурӣ таъкид намудааст: Худро аз суҳбати бад нигаҳ дор, чу суҳбати бад аз ҷаҳаннам бадтар аст. Суҳбат ба ҳасби хосияти муассир аст, чунончи, ҳамнишини некон сабаби мазиди (афзоиш) давлат аст ва муҳолатати (ҳамсуҳбати) бадон муҷиби малол ва надомат.

Суҳбати дарвешону некон ва муҳтоҷонро ор надонӣ ва нанг накунӣ, ки мусоҳибати некон ва маҷоласати дарвешон кимиёи саодати абадӣ аст ва раҳнамоӣ давлати саромадӣ(абадӣ).

Носири Хусрави Қабодиёнӣ бар он андеша аст, ки касе хоҳад, ки хушбахт, комёр дар ҳама кор гардад, бояд сухани бикр, дуруст, нарму ширин гӯяд:

***Саодат боз хоҳӣ дар ҳама кор***
***Суханҳои шариф аз даст магзор.***

Хофизи Шерозӣ доир ба ширинсуханӣ, сухани беғараз, мақоми сухан чунин гуфтааст:

***Сухан беғараз аз бандаи мухлис бишунав,***
***Эй ки манзури бузургони ҳақиқатбинӣ.***

*Байти дигар:*

***Кунун ки чашмаи қанд аст лаби нӯшинат,***
***Сухан бигӯю зи тӯтӣ шакар дареғ мадор.***

*Ва боз:*

***Ин ҳама шаҳду шакар, к-аз суханам мерезад,***
***Аҷри сабрест, к-аз он шохи наботам доданд.***

Биноӣ гуфтани ҳар суханро лоиқ намедонад, суханро ганҷу онро ба мори хомаи сухансанҷ таҳбеҳ додааст:

***Сухан он беҳ ки ҳамчунон бошад,***
***Ки дар ӯ нафъи ҳамгинон бошад.***

***Ё худ:***

***Ҳар сухан нест лоиқи гуфтан,***
***Ҳар гуҳар нест қобили сӯфтан.***

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар “Ахлоқи Носирӣ” зерфаслеро бо номи “Одоби сухан гуфтан” ҷудо намуда, маслиҳатҳои муфид медиҳад. Доир ба одоби муоширот андеша ронда, таъкид мекунад, ки дар муҳоварот чунин сифатҳоро риоя кунад, ба фоидаи кор аст: “Ва агар дар мунозира ва мурочот (муҳоварот) тарафи хасмро раҷҳон (бартарӣ) ёбад, инсоф бидиҳад. Ва аз мухотабаи (гуфтугӯ ва суолу ҷавоб кардан) авому кӯдакон ва девонагону мастон то тавонад, эҳтироз (дурӣ ҷустан, парҳез) кунад. Ва сухани борик бо касе, ки фаҳм накунад, нагӯяд ва лутф дар муҳоварат нигоҳ дорад” [10, с. 62]. Нависанда дар назди калонсолон тарзи сухан гуфтан ва аз суханчиниву дурӯғу буҳтон дурӣ гузиданро таъкид намудааст.

Шоира Зебуннисо файзи суханро ба гавҳари абри карам ташбеҳ додааст:

***Файзи сухан гавҳарест рехта абри карам,***
***Сайқали он мекунад гавҳари пинҳони ӯ.***

Нармгӯйӣ хислати беҳтарини суханвар аст, ки бузургони адабиёти классикӣ онро борҳо таъкид намуда, хушмуомила, хушгуфтор ва муоширати хуб доштанро таъкид намудаанд:

***Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,***
***Нарму ширин гӯй бо мардум калом (Аттор)***

Ба андешаи Низомӣ сухани беандешаро гуфтану навиштан дуруст нест:

***Сухан к-он аз сари андеша н-ояд,***
***Навиштанрову гуфтанро нашояд.***

Абдулқодири Бедил нармгуфториро чунин тасвир намудааст:

***Забон аз нармгӯӣ сарнагун афканд дандонро,***
***Агар сӯзад нафас, аз сӯзи маҳшар боз мегиряд.***

Бадриддини Ҳилолӣ сухани хушро ҳастии ҷисму ҷон меҳисобад:

***Сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст,***
***Дами Исо гувоҳи ин сухан аст.***

Саъдии Шерозӣ ин маъниро чунин зикр намудааст:

***То мард сухан нагуфта бошад,***
***Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.***

Аллома Аҳмади Дониш зикр намудааст: "То лафз хуб наояд, маънии баланд аз вай барназанад". Яъне маънии баланд аз лафзи хуб ҳосил гардида, ба дили шунаванда ва хонанда роҳ меёбад.

Дар "Китоби амсол", ки пандномаест, дар фасли понздаҳуми он чунин омаддаст: "Ҷавоби нарм ғазабро бармедорад, аммо калимоти таҳқиромез хашмро бармеангезонад. Забони донишмандон ҳикмати наку арза медиҳад, аммо даҳони аблаҳон аблаҳиро баён менамояд. Забони нарм шаҷараи ҳаёт аст, вале забони каҷ коҳиши руҳ".

Сухан ва қадру мазаллати он дар офаридаҳои олимон ва намояндагони адабиёти муосир низ тасвир ёфтааст.

Олими шинохта Т. Зеҳнӣ балоғат ва фасоҳтаи суханро дар муоширaт, сухан гуфтан "ҳусни зоҳирӣ ва ҳусни ботинӣ" меномад. Балоғат дар луғат ҷавон шудан ва расидан бв мунтаҳои чизе, комил шудан, расоӣ дар сухан ва зебоӣ буда, дар истилоҳи адабӣ сифати сухан ва гӯянда мебошад. Фасоҳат дар луғат ба маънои зуҳур, возеҳият, шевоӣ ва равонӣ, вале дар истилоҳи адаб ба маънои кушодазабонӣ, гӯёӣ, бурроӣ мебошад. Огоҳӣ аз фасоҳат, огоҳӣ аз латофату салосати лафз аст [3, с. 36-37]. Фасоҳатро покизагии сухан номидаанд.

Лоиқи ширинкалом низ сухан, лутфи сухан, қадри суханро ситоиш намуда мегӯяд:

***Сухан пайдову нопайдои ҳар халқи сухансоз аст,***
***Ало, пайдову нопайдо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.***
***Лоиқ қадри суханро баланд медорад ва менависад:***
***Як сухан сад қавмро як мекунад,***
***Мефизояд як сухан қадри сухан.***

Олими шинохта, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар асараш "Забони миллӣ ва ҷаҳонгароӣ" қайд кардааст: "Сухани буррову гӯё талаффузи дурусти зебо яке аз нишонҳои асосии фарҳанги шахс аст. Мо бояд ба ин нишонаи ҳатмии фарҳанги сухан соҳиб шавем. Бояд дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дар суханронии расмӣ, дар маҷлис, дар дарс ва ғайра бо риояи одоб ва шартҳои фарҳанги сухан гап заданро омӯзем ва бидонем, ки ба сарсемагӣ, тез-тез ва зери лаб гап задан беодобӣ нисбат ба шунаванда аст. Кӯшише барои риояи одоби сухан гувоҳӣ аз он медиҳад, ки гӯянда нисбат ба шунаванда ва аҳли суҳбат ҳурмат дорад [6, с. 208-209]".

Ба қавли устод, сухан гуфтан фарҳанги шахс, хоса муаллиму мураббиро нишон медиҳад. Дар раванди таълим омӯзгор бояд сухандону сухансанҷ, нармгуфтору ширинбаён бошад ва аҳли синфро ба худ ҷалб карда тавонад. Сухани дурусту бурро чун оҳанрабо ба умқи дил расида, ба хеш моил мекунад.

Дар давлатҳои Юнону Мисри Қадим, Ҳинду Шарқ санъати суханварӣ доимо дар мадди назари аҳли ҷомеа буд. Асарҳои бешумор бо унвони "Риторика" (Ҳусни баён) чанд ҳазор сол пеш иншо шуда буд (Арасту) ва чун як фанни махсус таълим дода мешуд. Хушбахтона, имрӯзҳо дар факултаҳои гуногуни суханшиносӣ (филология), муносибатҳои байналхалқӣ, журналистика, ҳуқуқшиносӣ санъати суханварӣ (риторика) таълим дода мешавад. Мақсади ин фан омӯзиши роҳу усулҳои суханварӣ, сиҳатии калом ва фасоҳати он аст. Салосати сухан мутаносибии овозҳои таркиби калимаю ибораҳост, ки талаффузро мушкил нагардонад, дар гуфтор дуруштӣ, лакнат ва норавонӣ эҷод накунад. Салосат яке аз шартҳои балоғати калима ва калом (ҷумла) аст [1, с. 50].

Чунон ки аз андешаву таҳлилҳои болоӣ бармеояд донистани сухан ва суханварӣ аз нозукҳои касбии омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Омӯзгор бояд нутқи фасеҳ, равон, муассир ва адабӣ дошта бошад. Бе донистани қадри сухан ва ҳунари суханварӣ ноил шудан ба муваффақият хеле душвор аст. Зеро донистани санъати суханварӣ ба педагог имкон медиҳад, ки суханро чун василаи муассири таълиму тарбия ба кор барад ва онро дар мавқеаш, вобаста ба ҳолату руҳияи хонанда сухан гӯяд ва маҳз тавассути сухан таълиму тарбия диҳад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён/ Б. Камолиддинов. –Душанбе: Маориф, 1989. -120 с.
2. Камолиддинов, Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ/ Б. Камолиддинов –Душанбе. 2007. -72 с.
3. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. / Т. Зеҳнӣ–Душанбе: Адиб, 2007.- 400с.
4. Муҳаммад, Ғазолӣ. Насиҳатулмулук/ Муҳаммад Ғазолӣ. –Душанбе: Ирфон, 1993.
5. Муҳаммади, Омулӣ. / Нафоис-ул-фунун фи ароисилуюн Душанбе: Ирфон, 1989.185 с.
6. Муҳаммадҷон, Шакурии Бухороӣ Забони миллӣ ва ҷаҳонгароӣ/ М. Шакурии Бухороӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. –230.
7. Пандномаи Анушервон. Душанбе: Адиб, 2016. -156 с

8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома/ Унсурулмаолии Кайковус.–Душанбе: Маориф ва Фарҳанг, 2007. – 200 с.
9. Ҳусайн, Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия/ Ҳусайн Воизи Кошифӣ. –Душанбе: Адиб. 1991. -320с.
10.Хоҷа, Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқӣ Носирӣ / Хоҷа Насириддини Тӯсӣ.–Душанбе:Адиб.1991.-320с.
11.Ҷомӣ, А.Баҳористон (нашри панҷум)/А.Ҷомӣ–Душанбе:Адиб, 2014. –208 с.

**REFERENCES:**

1.Kamoliddinov, B.The Beaty of Reproduction/ B.Kamoliddinov. Dushanbe: Education, 1989. -120 p.
2. Kamoliddinov B. You spoke and polished pearls / B. Kamoliddinov - Dushanbe. 2007. -72 p.
3.Zehni T. Art of Speec/T.Zehni. – Dushanbe: Adib,2007. – 400 p.
4.Mohammed Ghazali.Counsel for kings/ M.Ghazali.- Dushanbe: Irfan, 1993.
5. Mohammad Omuli. “The grace of sciences in the decorations of visions” (“Nafois al-funun fi arois il-uyun”)/ M/Omuli.- Dushanbe: Irfan, 1989.-185 p.
6. Muhammadjon, Shakuri Bukharai National language and globalism/ M. Sh. Bukharai. Dushanbe: Shujoiyan, 2010. -230p.
7. Anushervan's advice.- Dushanbe: Adib, 2016. -156 p.
8. Unsur al-Ma'ali Kaykavus. Qabus-nama/U. Kaykavus.-Dushanbe: Maarif va Farhang,2007.-200 p.
9.Hosayn Vaizi-i Kashifi. Sultan's decree. Morality of Mohsini. Hotamiya treatise/ Husayn Voizi Kashifi. Dushanbe: Adib, 1991. -320 p.
10.Khoja Nasiruddin Tusi. Nasiri ethics / Khoja Nasiruddin Tusi - Dushanbe: Adib. 1991. -320 p.
11.Jami, A. Baharistan (fifth edition) / A. Jami-Dushanbe: Adib, 2014. -208 p.